41638 - Сухани баъзе гунаҳкорон: "Ман дар корҳои худ озод ҳастам".

савол

Баъзе гунаҳкорон, вақте ки мо онҳоро барои гуноҳашон маҳкум бикунем, мегӯянд: "Ман дар корҳои худ озод ҳастам". Оё ин сухан дуруст аст?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:

"Ин нодуруст аст. Мо мегӯем: Шумо дар нофармонии Аллоҳ озод нестед. Балки агар Парвардигори худро нофармонӣ кунед, аз ғуломии Аллоҳ хориҷ шуда, ғуломи шайтон ва ҳавову ҳавас мегардед".